**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

Дар бораи Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 ва нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои он тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳамоҳангсози барномаи мазкур муайян карда шуда, якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалигардонии он дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ чораҳои зарурӣ андешад;
- оид ба рафти иҷрои барномаи мазкур ҳар сол то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 25 июни соли 2020, № 387
ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 июни соли 2020, №387

**Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 (минбаъд - барномаи мазкур) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гашта, баҳри иҷрои муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, меъёр

ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ нисбат ба кӯдакон, равона карда шудааст.

2. Ҳадафи барномаи мазкур аз тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда мутобиқ ба меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ нисбат ба кӯдакон мебошад, ки барои ташаккул ва рушди низоми байниидоравии тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда замина мегузорад.

3. Барномаи мазкур ба таъмини муносибати зарурӣ нисбати ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда нигаронида шудааст, ки дар он ҳуқуқ ва шаъну эътибори онҳо эҳтиром ва ба эҳтиёҷоти ҳар як ноболиғ дар алоҳидагӣ самарабахшона ба инобат гирифта мешавад гирифта мешавад ва ба ин васила тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони мазкур амалӣ ва сатҳи такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни онҳо мувофиқан кам карда мешавад.

## 2. ТАВСИФИ МУШКИЛОТИ ҶОЙДОШТА

4. Солҳои охир аз ҷониби давлат ба чораҳои пурзӯрнамоии мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ ва пешгирии такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда хусусияти муҳимро пайдо мекунад.

5. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2019 аз тарафи ноболиғон 873 (2018-907) ҷиноят ва аз ҷониби ҷавонон 5256 (соли 2018-4965) ҷиноят содир шудааст.

6. Дар маҷмӯъ, соли 2019 дар ҷумҳурӣ 21 ҳазору 996 (соли 2018-21957) ҷиноят аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб гирифта шудааст.

7. Тибқи маълумоти омории мазкур соли 2019 ҷинояткорӣ аз ҷониби ноболиғон 2,52 фоизи шумораи умумии ҷиноятҳоеро, ки ба ҳисоб гирифта шудаанд, ташкил медиҳад (2018 - 2,43 фоиз). Мувофиқи маълумоти аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда зиёда аз 90 фоизи ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби ноболиғоне содир мешаванд, ки онҳо ба муассисаҳои таълимӣ намераванд ва дар зери назорати падару модар намебошанд.

8. Ба омилҳои манфие, ки ноболиғонро ба такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ талқин менамоянд, набудани ҷои кор ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ба кор таъмин шудан, ба кор ё таълим таъмин набудан, мушкилиҳои равонӣ, ихтилоф дар оила ва ҷомеа, набудани ҷои истиқомат, вобастагӣ доштан аз машруботи спиртӣ ва маводи мухаддир дохил мешавад.

9. Чун қоида, дар ҷомеа нисбат ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда бадномӣ (стигма) мавҷуд буда, онҳо сатҳи нокифояи касбӣ, ҳавасмандии кам ба меҳнат, ҳолати саломатии ғайриқаноатбахш, майл ба рафтори номуносиб ва вайрон намудани интизоми меҳнат доранд. Аз ин рӯ, онҳо аз ҷониби корфармоён ба кор камтар даъват гардида, аксаран зери хатари ихтисор дар кор ва ҳангоми қабул шудан ба кор ба табъиз гирифтор мешаванд.

10. Қисми муайяни ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ дар муассисаҳои махсусгардонидашудае, ки усул ва равиши махсусро асоси кор қарор додаанд, эҳтиёҷ доранд.

11. Набудани ҷои кор, воситаи зиндагӣ ва дастрас набудани имтиёзҳои умумии иҷтимоии давлатӣ ноболиғони адои ҷазонамударо маҷбур менамоянд, ки ба оворагардию талбандагӣ машғул шуда, ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии нав даст зананд.

12. Ҳал нагардидани мушкилоти ин гурӯҳи ноболиғон ба вазъи ҷинояткорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад.

13. Тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда бе расонидани кумаки зарурӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ, маориф ва илм ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имконнопазир мебошад. Пеш аз ҳама, зарур мебошад, ки ноболиғони маҳкумшуда пас аз озод шуданашон вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии мувофиқро дошта бошанд, ки ба онҳо шароити муътадили зиндагиро таъмин намояд.

## 3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

14. Ҳадафҳои барномаи мазкур аз инҳо иборат мебошад:

- тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда;
- кам кардани омилҳои ба такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда.

15. Барои расидан ба ҳадафҳои зикршуда дар доираи барномаи мазкур вазифаҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд:

- ташаккул ва рушди низоми байниидоравии тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда;
- мусоидат дар фаъолияти меҳнатии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда;
- дастгирии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда, ки ба барқарорсозии робитаҳои ҷамъиятии гумшуда равона шудааст;

- такмили низоми мушоияти омӯзгорӣ ва тавонбахшии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда.

**4. ПРИНСИПҲО, АМАЛҲО ВА НАТИҶАҲОИ ДАРНАЗАРДОШТАШУДА**

16. Барномаи мазкур ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- принсипи ҳамкории байниидоравӣ - тартиби ташаккули муносибатҳо байни субъектони низоми пешгирикуниро тавассути мувофиқасозии нақшаи чорабиниҳо, амалигардонӣ ва назорати иҷрои онҳо муайян менамояд;

- принсипи тақсимоти соҳаи масъулият - иҷрокунандагони мушаххасро дар назар дорад, ки ба онҳо вазифаҳои муайян аз рӯи тобеияти соҳавияшон муқаррар гардида, амалӣ кардани онҳо барои расидан ба ҳадафҳо зарур мебошанд;

- чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда ҳамчун усули асосӣ дар низоми адолати судӣ нисбат ба ноболиғон;

- тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ ҳамчун ҳадафи аввалиндараҷаи ҳамаи чораҳои ҷавобӣ нисбат ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда.

17. Дар давраи амалигардии барномаи мазкур вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, инчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ менамоянд.

18. Барои расидан ба натиҷаҳои мусбат дар самти тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда арзёбии самаранокии чорабиниҳои анҷомёфта амалӣ карда мешавад. Арзёбӣ аз таҳлили дурусти вазифаҳои муқарраршуда, чорабиниҳои иҷрошуда ва муҳлати амалишавии барномаи мазкур иборат мебошад. Инчунин то кадом андоза ҳалли худро ёфтани мушкилиҳои дар оила ҷойдоштаи ноболиғон дар ҷараёни тавонбахшӣ таҳлил шуда, хулосаҳои дахлдор барои амалҳои минбаъда бароварда мешаванд.

19. Барномаи мазкур тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 (минбаъд - нақшаи чорабиниҳои мазкур) амалӣ карда мешавад.

20. Нақшаи чорабиниҳои мазкур ба самтҳои зерин мусоидат менамояд:

- баланд бардоштани самаранокии кумакҳои иҷтимоӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда;

- барқарорсозии қобилияти гумкардаю вайронгаштаи маишӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ;

- бозгашт ба ҷомеа;
- пешгирии такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ.

21. Дар ҳолати бомуваффақона амалӣ гардидани тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда (ба кор таъмин ё гирифтани маълумоти таҳсилот, мавҷудияти сатҳи устувори пешравӣ, рафтори ором ва эҳсосоти муътадил) қарори қатъ гардидани мушоияти онҳо баррасӣ карда мешавад. Қарори мазкур дар ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ бо ризоияти ҳамаи мақомоте, ки дар ҷараёни тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад.

**5. ЗАМИНАҲОИ МУСОИД ВА ХАТАРҲОИИ АМАЛИШАВИИ БАРНОМАИ МАЗКУР**

22. Яке аз заминаҳои муҳимми бомуваффақона амалӣ гардидани барномаи мазкур ташаккул ва рушди низоми байниидоравии тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда, инчунин васоити самараноки ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. Рушдёбии иқтидори давлат, ҷомеаи шаҳрвандии аз амалияи байналмилалӣ ва усулҳои навоварона дар соҳаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони ҳуқуқвайронкунанда васеъистифодабаранда омилҳои мусбат барои амалигардии барномаи мазкур мебошанд.

23. Дар баробари омилҳои мусбат омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд барои амалӣ гардидани барномаи мазкур монеа шаванд, аз ҷумла норасоии воситаҳои молиявӣ, нокифоя будани иқтидори кадрӣ ва ғайра.

24. Низоми мониторинг ва арзёбии амалигардии барномаи мазкур дар марҳилаи иҷрои он яке аз ҷузъҳои калидӣ мебошад, зеро бо ду роҳи имконпазир - давлатӣ (расмӣ) ва ғайридавлатӣ (ҷомеаи шаҳрвандӣ) гузаронидани мониторинг ва арзёбии барномаи мазкур ба нақша гирифта мешавад.

25. Дар асоси натиҷаҳои мониторинг марҳила ба марҳила самаранокии амалигардии нақшаи чорабиниҳои мазкур, афзалияту норасоиҳо дар фаъолияти иҷрокунандагон ва ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ арзёбӣ мегардад.

**6. НАЗОРАТИ ИҶРО ВА ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ ОИД БА РАФТИ АМАЛИГАРДИИ БАРНОМАИ МАЗКУР**

26. Назорати иҷрои барномаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

27. Мақомоти давлатии масъули иҷрои барномаи мазкур Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

28. Ҳамоҳангсози амалигардии барномаи мазкур Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

29. Мақомоти давлатии масъули иҷрои барномаи мазкур ҳар сол то 15 январ маълумоти дахлдорро оид ба иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

30. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти пешниҳодшударо таҳлил намуда, ҳисобот оид ба ҷараёни амалишавии барномаи мазкурро то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

31. Ҳисоботи солона ва ниҳоӣ оид ба иҷрои барномаи мазкур бояд инҳоро дар бар гирад:

- таҳлили чорабиниҳои иҷрошуда бо нишон додани ҳаҷм ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ;
- чорабиниҳои иҷронашуда ва таҳлили сабабҳои иҷро нашудани онҳо;
- таҳлили сари вақт иҷро нашудани чорабиниҳо;
- пешниҳодҳо оид ба андешидани чораҳо ҷиҳати амалигардонии чорабиниҳои иҷронашуда ва самаранокии амалишавии барномаи мазкур.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 июни соли 2020, №387

**Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгирои иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024**

Ҷадвал*

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 июни соли 2020, №387

Нақшаи
чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгирои иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024

| | Чорабиниҳо вобаста ба иҷрои барнома | Манбаъҳои маблағгузорӣ | Мӯҳлати иҷро | Масъули иҷрои чорабиниҳо | Натиҷаи дарназардоштац |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| **1. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ БАЙНИИДОРАВИИ ТАВОНБАХШӢ ҲАМГИРОИИ ИҶТИМОИИ НОБОЛИҒОНИ ДАР МУАССИСАҲОИ МАХ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ Ё МАҲДУД КАРДАНИ ОЗОДӢ АДОИ ҶАЗОНАМУДА** | | | | | |
| | Муайян намудани шахсони масъул аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор барои амалӣ гардонидани Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 ва пешниҳоди шахсони мазкур ба гурӯҳи кории байниидоравӣ | | 2020 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Гурӯҳи байниидоравӣ ҳисоби намояндагони вазорату идо вобаста масъалаҳои тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғон та дода шуд |
| | Мубодилаи маълумот оид ба ноболиғони аз муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ озодшуда барои андешидани чораҳо вобаста ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ | | мунтазам | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Мубодилаи маълумот оид ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ озод барои андеши чораҳо вобаста тавонбахшӣ ҳамгироии иҷт амалӣ карда шуд |
| | Таҳлили вазъи | Дар | мун | гурӯ | Таҳлили |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва самаранокии чораҳои андешидашуда дар самти тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда | доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | тазам | ҳи корӣ | такроран с намудани ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғо самаранокии чораҳои андешидашуда самти тавонбахш ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда гузаронида ш таклифҳо ҷ такмил додани н омода карда шуд |
| | Таъсиси махзанимаълумотиом орӣоид ба ноболиғони аз муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва маҳдуд кардани озодӣ озодшуда | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2020-2022 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Махзани маълумот оид ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ озод таъсис дода шуд |
| | Баргузор намудани ҷаласаҳо, семинарҳо ва машваратҳои корӣ вобаста ба масъалаҳои тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии | На кам аз 2 мароти ба дар як сол | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Ҷаласаҳо, семинарҳо машваратҳои вобаста масъалаҳои тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда , мубодилаи таҷриба ва таҳияи амалҳои муштарак | масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | | муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда та ва баргузор шудаанд |
| | Таҳия ва қабули нишондиҳандаҳо ва механизми мониторинги Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2020-2021 | гурӯҳи корӣ | Нишондиҳа о ва механ мониторинги Барномаи тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда б солҳои 2020- таҳия ва қабул шуданд |
| | Гузаронидани мониторинги иҷрои Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024 | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва | 1 маротиба дар 2 сол | ВТҲИА<br>ВМИ<br>ВКД<br>ВММША<br>ВА | Мониторинг иҷрои Барн тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда б солҳои 2020 гузаронида натиҷаи он Ҳукумати Ҷум Тоҷикистон пешниҳод гарди |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | | |
| | Омода намудан ва чопи китобчаҳои маълумотӣ вобаста ба масъалаҳои расонидани хизматрасониҳо оид ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда ва паҳн намудани онҳо байни ноболиғонпас аз озодшавӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2020-2024 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Нашрияҳои маълумотӣ во ба масъал расонидани хизматрасониҳо ба тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда омо чоп карда ш байни нобол мунтазам гардиданд |
| | Ташкил ва баргузор намудани тренингҳо вобаста ба масъалаҳои тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони ҳуқуқвайронкунӣ содирнамуда ҷиҳати такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатии дахлдор ва расонидани кумаки методӣ ба муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва маҳдуд кардани озодӣ дар ташкили раванди таълиму тарбия ба ноболиғоне, ки адои ҷазо менамоянд | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Тренингҳо вобаста масъалаҳои тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони ҳуқуқвайронкунӣ содирнамуда, ҷ такмили ихт кормандони мақомоти дахл давлатӣ ташки баргузор гар кумаки методӣ муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ дар таш раванди таъ тарбия ноболиғоне, ки ҷазо менам расонида шуд |
| | Баррасии | Дар | 202 | Гурӯ | Зарурати в |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | зарурати ворид намудани тағйиру иловаба қонунгузорӣ вобаста ба масъалаҳои тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда ва пешниҳоди таклиф ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 0-2024 | ҳи корӣ | намудани та илова ба қонунгу вобаста масъалаҳои тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда бар гардида, таклиф Ҳукумати Ҷумҳ Тоҷикистон пешниҳод шуд |
| 1 | Ҳар солаз ҷониби мақомоти давлатии масъул ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур таҳия ва амалӣ намуданинақшаи хароҷот вобаста ба тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда бо дар назар доштани хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Мақомоти давлатии мас иҷрои барн мазкур ҳар нақшаи хароҷ вобаста тавонбахшӣ ҳамгироии иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда бо назар дош хароҷоти моли ки барои фаъол мақомоти давл масъул пеш шудааст, т намуда, онро а намуданд |

**2. ТАВОНБАХШӢ ВА МУТОБИҚСОЗИИ ИҶТИМОИИ НОБОЛИҒОНИ МУАССИСАҲОИ МАҲРУМ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ Ё МАҲДУД КАРДАНИ ОЗ АДОИ ҶАЗОНАМУДА**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати омода намудани ноболиғон барои озод шудан аз муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВА<br>ВТҲИА<br>ВМИ<br>ВКД<br>ВММША | Чорабиниҳо ҷиҳати с намудани нобо барои озод шуд муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ гузаро шуданд |
| 3 | Омӯхтани имконияти васеъкунии ҳудуди хизматрасонӣ вобаста ба тавонбахшӣ ва ҳамгирои иҷтимоии ноболиғони ҳуқуқвайронкунӣ содирнамудадар марказҳои таҳсилоти иловагӣ (айни замон ин гуна хизматрасониҳо дар 5 ноҳияи вилояти Суғд расонида мешаванд) ва ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузорӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2020-2022 | ВМИ<br>ВТҲИА<br>ВКД<br>ВММША<br>ВА | Имконияти васеъкунии ҳ хизматрасонӣ вобаста тавонбахшӣ ҳамгирои иҷти ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда марказҳои таҳс иловагӣ омӯхта |
| 4 | Баррасии масъалаи таҳияи механизми самаранок ва ворид намудани тағйироти дахлдор ба қонунгузорӣ вобаста ба равон намудани ноболиғон барои | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии | 2020-2022 | ВА<br>ВКД<br>ВТҲИА<br>ВМИ<br>ВММША | Масъалаи таҳияи механ самаранок ва в намудани тағй дахлдор қонунгузорӣ во ба равон наму ноболиғон б |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | хизматрасонӣ ба марказҳо бо мақсади тавонбахшӣ | масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | | хизматрасонӣ марказҳо бо ма тавонбахшии баррасӣ карда ш |
| 5 | Ташкил ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВА ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША | Ёрии ҳу иҷтимоӣ психологӣ ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда расонида шуд |
| 6 | Баррасии масъалаи дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва психологии ройгон, инчунин дар ҳолати зарурӣ ташкили низоми дастгирии моддӣ ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳо | 2020-2024 | ВА ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША | Масъалаи қонунгузорӣ пеш намудани ҳуқу ёрии тиббӣ, ҳу иҷтимоӣ психологии ро инчунин дар ҳ зарурӣ таш низоми даст моддӣ ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда бар карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | и ҷамъиятӣ | | | |
| 7 | Расонидани ёрӣ ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда ҷиҳати барқарор намудани ҳуҷҷатҳои гумшудаи тасдиққунандаи шахсият, таъминкунандаи имтиёзҳои иҷтимоии давлатӣ ва чораҳои дастгирии иҷтимоӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВКД ВА ВТҲИА ВМИ ВММША | Ба нобол дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда ҷ барқарор наму ҳуҷҷатҳои гумш тасдиққунандаи шахсият, таъминкунандаи имтиёзҳои иҷти давлатӣ ва чор дастгирии иҷт ёрӣ расонида шу |
| 8 | Гузаронидани арзёбии эҳтиёҷоти хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ бо мақсади тайёрии кормандони иҷтимоӣ, ки малакаи кор бо ноболиғони дорои эҳтиёҷоти махсус ва маълумот дар бораи инкишофи ноболиғонро дошта бошанд | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2020-2021 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Арзёбии эҳтиёҷоти хада хизматрасонии иҷтимоӣ бо ма тайёрии корман иҷтимоӣ, ки мал кор бо нобол дорои эҳтис махсус ва маъл дар бораи инкиш ноболиғонро д бошанд, гузаро шуд |
| 9 | Гузаронидани таҳлил вобаста ба нақши равоншинос дар ҷараёни тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии | 2020-2022 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Таҳлил во ба н равоншинос ҷараёни тавонб ва ҳамги иҷтимоии ноболиғони муассисаҳои ма |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда | масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | | сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда гузаронида шуд |
| **3. ТАВОНБАХШИИ ТИББИИ НОБОЛИҒОНИ ДАР МУАССИСАҲОИ МАҲ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ Ё МАҲДУД КАРДАНИ ОЗОДӢ АДОИ ҶАЗОНАМУДА** | | | | | |
| 0 | Ташкил ва расонидани ёрии тиббӣ баноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда мувофиқикафолатҳои давлатии расонидани ёрии тиббӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Ёрии тиббноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда мувофиқи кафолатҳои давлатии расонидани тиббӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷик расонида шуд |
| 1 | Ташкили ҳамкорӣ дар самти мубодилаи маълумот бо муассисаҳои тандурустии давлатӣ дар бораи ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда, ки ба нашъамандӣ, майпарастӣ, бемории | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати | 2020-2022 | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Механизми ҳамкорӣ дар с мубодилаи маъл бо муасси тандурустии да дар б ноболиғони муассисаҳои ма сохтан аз озо маҳдуд кар озодӣ ҷазонамуда, ки нашъамандӣ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | сил ва вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) гирифтор мебошанд | созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | | майпарастӣ, бемории сил вируси нора масунияти (ВНМО) гири мебошанд, карда шуд |
| 2 | Ҳангоми зарурат ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда сафарбар намудани корманди иҷтимоӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВТҲИА | Ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда кормандони иҷт мунтазам сафа карда мешаванд |
| **4. ҲАМГИРОИИ МЕҲНАТИИ НОБОЛИҒОНИ ДАР МУАССИСАҲОИ МАҲ СОХТАН АЗ ОЗОДӢ Ё МАҲДУД КАРДАНИ ОЗОДӢ АДОИ ҶАЗОНАМУДА** | | | | | |
| 3 | Ташкили машваратҳои сайёр бомуассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва маҳдуд кардани озодии ноболиғон вобаста ба масъалаҳои меҳнат | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилала | 2020-2022 | ВММША<br>ВТҲИА<br>ВМИ<br>ВКД<br>ВА | Машваратҳо сайёр муассисаҳои ма сохтан аз озод маҳдуд кар озодии ноболи вобаста масъалаҳои мех ташкил шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | лӣ ва иттиҳодияҳо и ҷамъиятӣ | | | |
| 4 | Роҳнамоии касбии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳо и ҷамъиятӣ | мунтазам | ВММША ВТҲИА ВКД ВА | Ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда бар кор та шуданашон расонида шуд |
| 5 | Мусоидат ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда ҷиҳати хатм намудани таълим дар муассисаҳои таълимӣбо мақсади гирифтани тахсилоти умумӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳо и ҷамъиятӣ | мунтазам | ВМИ ВТҲИА ВКД ВММША ВА | Ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда ҷ хатм наму таълим муассисаҳои таҳсилоти умум мақсади гириф тахсилоти ум асосӣ ва м мусоидат карда |
| 5 | Мусоидат ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои | мунтазам | ВММША ВТҲИА ВМИ | Ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | адои ҷазонамуда ҷиҳати барқарор намудани малакаи касбӣ ва ҳангоми надоштани чунин малака ба таълимоти касбӣ фаро гирифтани онҳо | фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | | ВКД ВА | ҷазонамуда ҷ барқарор наму малакаи касбӣ ҳангоми надош чунин малака таълимоти фаро гириф онҳо мусоидат шуд |
| 6 | Расонидани маълумот ба ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда тариқи воситаҳои ахбори омма оид ба чорабиниҳои аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор дар самти тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ амалишаванда | Дар доираи хароҷоти молиявие, ки барои фаъолияти мақомоти давлатии масъул пешбинӣ шудааст ва ё бо мусоидати созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | мунтазам | ВТҲИА ВМИ ВКД ВММША ВА | Ба ноболи дар муассис маҳрум сохтан озодӣ ё ма кардани озодӣ ҷазонамуда т воситаҳои ах омма маълумот ба чорабиниҳо ҷониби мақо давлатии дах дар с тавонбахшӣ ҳамгироии иҷт амалишаванда расонида шуд |

Рӯйхати ихтисораҳо:

ВТҲИА - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ВМИ - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ВММША - Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ВКД - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ВА - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.